# аз 31.05.2022, №287

“Дар бораи таъсиси Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар асоси муқаррароти моддаҳои 35-36 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.
2. Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замимаи № 1).
3. Раис, аъзоён ва котиби Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаи № 2).
4. Фармоиши мазкур дар рӯзномаи “Боҷу Хироҷ” ба нашр расонида шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир карда шавад.
5. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба сарраёсат ва раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, инчунин мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи № 1
Бо фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» майи соли 2022, № ________
тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
## Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии  Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Комиссия) тибқи муқаррароти моддаҳои 35-36 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон  таҳия карда шуда, низомномаи мазкур фаъолияти Комиссия, тартиби қабул, баррасӣ ва қабули хулосаи машваратиро ба танзим медарорад.

1.2. Комиссия мақоми машваратӣ ва мустақил  буда, аз натиҷаи баррасии масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандӣ қарор қабул накарда, ба Кумитаи андоз хулосаи машваратӣ пешниҳод менамояд.

1.3. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қарорҳои Мушовараи Кумитаи андоз, фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз, мактубҳои дастурии Кумитаи андоз ва низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

1.4. Ҳайати Комиссия аз Раис, аъзоён ва котиби Комиссия иборат аст. Шумораи умумии аъзоёни Комисся аз 7 нафар иборат буда, аъзоён ва котиби Комиссия ба муҳлати як сол бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз таъин карда мешаванд.

1.5. Раиси Комиссия аз ҷониби аъзоёни Комиссия дар ҷаласаи якуми Комиссия бо роҳи овоздиҳӣ интихоб карда мешавад. Раиси Комиссия тартиби кори Комиссияро муайян ва роҳбарӣ менамояд.

1.6. Хизматчиёни давлатӣ ва шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, аъзои Комиссия шуда наметавонанд.

1.7. Мафҳумҳои асосие, ки дар низомнома истифода шудаанд:

1) Канорагирӣ аз андозбандӣ – амалҳое мебошанд, ки саркашӣ аз пардохти андоз дониста намешаванд, вале ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки дар доираи қонунгузории андоз ҳаҷми уҳдадории андозии худро кам намояд.

2) Амали андозсупоранда ва ё гурӯҳи андозсупорандагон амали канорагирӣ аз андозбандӣ ҳисобида мешавад, агар:

- андозсупоранда дар натиҷаи анҷом додани амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ манфиати андозӣ гирифта бошад;

- таҳлили моҳияти амали канорагирӣ аз андозбандӣ ё қисми он нишон диҳад, ки андозсупоранда ё яке аз андозсупорандагон чунин амалро бо мақсади ба даст овардани манфиати андозӣ анҷом додааст.

3) Амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ – маънои созиш, аҳд, ваъда, уҳдадорӣ, амалиёт ё амали воқеан анҷомёфта ё банақшагирифташуда (аз ҷумла амали яктарафа) бо (бе) тартиби маҷбурӣ ё ихтиёрӣ иҷрошавиро дорад;

4) Манфиати андоз маънои зеринро ифода менамояд:

- кам намудани уҳдадории андозсупоранда оид ба пардохти андоз;

- ба таъхир гузоштани уҳдадориҳои андозсупоранда оид ба пардохти андоз ва ё ҳамагуна канорагирии дигар оид ба иҷрои уҳдадории андозӣ.

1.8. Агар мақомоти андоз тадбири анҷомдодаи андозсупорандаро ҳамчун амали канорагӣ аз андозбандӣ ҳисобад, уҳдадор аст маводро барои гирифтани хулосаи машваратӣ ба Комиссия пешниҳод намояд.

## 2. Принсипҳои фаъолият, вазифаҳои асосии Кумитаи андоз ва Комиссия

2.1. Фаъолияти Комиссия ба принсипҳои қонуният, ҳатмият, асоснокии андозбандӣ ва ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда, адолат, ягонагии низоми андоз ва шаффофият асос меёбад.

2.2. Вазифаҳои асосии Комиссия:

- баррасии муроҷиатҳои мақомоти андоз вобаста ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандӣ;

- дар доираи қонунгузорӣ баррасии муроҷиатҳо ба инобат гирифтани манфиатҳои адозсупоранда ва буҷети давлат;

- дар давоми 28 рӯзи тақвимӣ хулосаи машваратии Комиссияро нисбати масъалаи мазкур ба Кумитаи андоз пешниҳод намояд;

- бо мақсади пешгирии канорагирӣ аз андозбандӣ ба Кумитаи андоз пешниҳод намудани тавсияҳои мушаххас оид ба такмил додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии андоз.

2.3. Вазифаҳои асосии Кумитаи андоз:

- маводҳо оид ба масъалаҳо канорагирӣ аз андозбандиро барои баррасӣ ва гирифтани хулосаи машваратӣ ба Комиссия пешниҳод намояд;

- тибқи дархости Комиссия маводҳои заруриро дастрас намояд;

- дар давоми 3 рӯзи корӣ ба андозсупоранда нусхаи хулосаи машваратии Комиссияро супорад;

- тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 36 Кодекси андоз қарори ниҳоии худро аз рӯи хулосаи Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандӣ қабул менамояд;

- низомномаи Комиссияро дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

- Комиссияро ҳангоми баррасии масъалаҳо бо утоқи корӣ ва лавозимоти корӣ таъмин менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Комиссия

3.1. Ҳуқуқҳои Комиссия:

- аз мақомоти андоз маълумотҳои иловагиро вобаста ба мазӯи масъалаи баррасишаванда дархост намояд;

- ҳангоми баррасии масъала ба сифати коршинос мутахассисони соҳавии мақомотҳои давлатӣ ва соҳаҳои дахлдори соҳибкориро ҷалб намояд.

3.2. Ҳуқуқҳои Кумитаи андоз:

- дар ҳолати аз ҷониби Комиссия эътироф гардидани тадбирҳои анҷомдодаи андозсупоранда ҳамчун амали канорагирӣ аз андозбандӣ чораҳои зеринро татбиқ намояд:

1) Уҳдадориҳои андозии андозсупорандаро аз нав, бидуни истифодаи амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ ё ба тарзе, ки барои кам кардани манфиати андозӣ дар Кодекси андоз муқаррар гардидааст, муайян намояд;

2) Бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ба уҳдадориҳои андозии дигар андозсупорандгон, ки аз амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ зарар дидаанд, тасҳеҳот ворид намояд;

3) Нисбат ба андозсупоранда ва андозсупорандагони дигаре, ки аз амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ зарар дидаанд, дар асоси хулосаи Комиссия дар давоми 5 сол аз рӯзи охирини соли андоз, ки дар он амали канорагирӣ аз андозбандӣ истифода шудааст, татбиқ намояд.

3.3. Уҳдадории Комиссия:

- баррасии масъаларо дар доираи принсипи коллегиалӣ амалӣ намояд;

- омӯзиши ҳаматарафа ва пурраи маводҳои пешниҳодгардидаро таъмин намояд, ба мавод ва далелҳо объективона баҳо диҳад;

- дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои асоснок қабул намояд;

- ҳифзи сирри маълумоти мурочиаткунандаҳоро таъмин намояд;

3.4. Уҳдадориҳои Кумитаи андоз:

- агар тадбири анҷомдодаи андозсупорандаро ҳамчун амали канорагирӣ аз андозбандӣ ҳисобад, маводро барои гирифтани хулосаи машваратӣ ба Комиссия пешниҳод намояд;

- тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 36 Кодекси андоз қарори ниҳоии худро аз рӯи хулосаи Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандӣ қабул намояд;

## 4. Ташкили фаъолияти Комиссия

4.1. Раиси Комиссия ҷаласаҳои Комиссияро роҳбарӣ карда, ба тариқи коллегиалӣ баррасӣ намудани масъалаҳоро таъмин менамояд;

4.2. Аъзои Комиссия ҳангоми баррасӣ ва қабули хулоса баробарҳуқуқанд;

4.3. Комиссия бо аксарияти овозҳо хулосаи машваратиро қабул менамояд ва дар ҳолати мавҷуд будани ақидаи махсуси яке аз аъзои комиссия, он дар хулоса ҳамчун ақидаи махсус дарҷ карда мешавад;

4.4. Корҳои ташкилии фаъолияти Комиссияро котиби Комиссия таъмин намуда, протоколи ҷаласа ва хулосаи машваратии Комиссияро таҳия менамояд;

4.5. Хулосаи Комиссия аз се қисм иборат мебошад: муқаддимавӣ, асосӣ ва хотимавӣ;

4.6. Дар қисми муқаддимавӣ нишондод оид ба ному насаби иштироккунандагон ва мансаби онҳо, рӯзномаи ҷаласа, инчунин номгӯи масъалаи пешниҳодшуда барои баррасӣ дарҷ карда мешавад;

4.7. Дар қисми асосӣ баромадҳои аъзои Комиссия ва дигар иштирокунандагон, ки доир ба масъалаи баррасишаванда изҳори назар кардаанд, дар алоҳидагӣ ва далелҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодгардида, инчунин дигар маълумотҳои зарурӣ сабт карда мешавад;

4.8. Дар қисми хотимавии хулосаи машваратӣ хулосаи Комиссия дарҷ карда мешавад;

4.9. Хулоса дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якуми он ба роҳбари аввали Кумитаи андоз ва нусхаи дуюм дар парванда нигоҳ дошта мешавад.

## 6. Муқарраароти хотимавӣ

5.1. Агар тадбирҳои анҷомдодаи андозсупоранда аз ҷониби Комиссия ҳамчун амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ эътироф карда нашаванд, андозсупоранда мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андозбандӣ қарор дода мешавад.